**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-020 назди**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии №____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 06.02.2025, № 83

Барои сазовор донистани Фатулоҷони Умарзода, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ.

Диссертатсияи Фатулоҷони Умарзода дар мавзуи «Ҳумоми Табрезӣ ва хусусиятҳои ғоявию бадеии ғазалиёти ӯ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, таҳти № 23) 29-уми ноябри соли 2024, суратмаҷлиси № 72 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Фатулоҷони Умарзода 1-уми апрели соли 1991 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2014 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси филолог, муаллим хатм кардааст.

Солҳои 2016-2019 ба ҳайси омӯзгори забон ва адабиёти тоҷики Коллеҷи муҳандисию омӯзгории шаҳри Душанбе фаъолият намуда, аз соли 2020 то ҳол мудири редаксияи фарҳанги мардуми тоҷики Сарредаксияи илмии «Энсиклопедияи Миллии Тоҷик» мебошад. Оиладор ва соҳиби 2 фарзанд аст.

Фатулоҷони Умарзода солҳои 2015-2018 ба ҳайси аспиранти шуъбаи рӯзонаи кафедраи таърихи адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба кори таҳқиқӣ машғул шудааст.

Диссертатсия дар кафедраи таърихи адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон анҷом ёфтааст.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Мақсудзода Бадриддин Мақсуд.

**Муқарризони расмӣ**: **Исрофилниё Шарифмурод Раҳимзода**, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ва **Баёнов Маҳмаднабӣ Бачаҷонович**, номзади илмҳои филологӣ, муовини директори Муассисаи давлатии «Хонаи китоби Тоҷикистон»-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа – мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёт, доктори илмҳои филологӣ, профессор Солеҳов Шамсиддин Аслиддинович, эксперт – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи мазкур Элбоев Вафо Ҷӯрақулович, котиби илмии ҷаласа – номзади илмҳои филологӣ, дотсент Шоев Абдуҳамид Абдунабиевич ва имзою муҳри ректори Донишгоҳ, доктори илмҳои таърих, профессор Ибодуллозода Аҳлиддин Ибодулло пешниҳод шудааст, қайд намудааст, ки диссертатсияи Фатулоҷони Умарзода дар мавзуи «Ҳумоми Табрезӣ ва хусусиятҳои ғоявию бадеии ғазалиёти ӯ» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи адабиётшиносӣ ҳастанд ва дар таҳқиқоти илмию пажӯҳишии худ дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 8 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудааст. Маводи нашршуда нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамояд.

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Умарзода, Ф. Шарҳи аҳволи Ҳумомуддини Табрезӣ / Ф. Умарзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2017. – № 4/4. – С. 213-218.

[2-М]. Умарзода, Ф. Ғазали мадҳӣ дар девони Ҳумоми Табрезӣ / Ф. Умарзода // Паёми Донишгоҳи забонҳо. Силсилаи илмҳои филология, педагогика ва таърих. – Душанбе, 2024. – № 2 (54). – С. 207-213.

[3-М]. Умарзода, Ф. Сохтори ғазалҳои Ҳумоми Табрезӣ / Ф. Умарзода // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2024. – № 3 (110). – С. 201-207.

[4-М]. Умарзода, Ф. Ҷанбаҳои мусиқоии ғазалҳои Ҳумоми Табрезӣ / Ф. Умарзода // Паёми Донишгоҳи забонҳо. Силсилаи илмҳои филология, педагогика ва таърих. – Душанбе, 2024. – № 4 (56). – С. 266-273.

[5-М]. Мақсудзода, Б., Умарзода, Ф. Офариниши маънӣ дар ғазалҳои Ҳумоми Табрезӣ / Б. Мақсудзода, Ф. Умарзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2024. – № 6. – С. 276-282.

[6-М]. Умарзода, Ф. Ҳумом ва Саъдӣ (Муқоисаи ҳолот ва ҳунари эҷоди ғазал) / Ф. Умарзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2024. – № 8. – С. 212-222.

**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[7-М]. Умарзода, Ф. Шарҳи ҳоли Ҳумомиддини Табрезӣ (1238-1314) / Ф. Умарзода // Конференсияи дуюми ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии олимон ва муҳаққиқони ҷавони ДМТ «Донишгоҳи миллии Тоҷикистон – маркази тайёр кардани мутахассисони соҳибунвон» бахшида ба 25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Душанбе, 17-18 майи соли 2016). – Душанбе, 2016. – С. 60-63.

[8-М]. Умарзода, Ф. Истиқболи ғазалҳои Ҳумоми Табрезӣ дар ашъори дигарон / Ф. Умарзода // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалии «Ҷойгоҳи профессор Абдушукур Абдусатторов дар таҳқиқу нақди адабиёти тоҷик» (Душанбе, 14-уми майи соли 2024). – Душанбе, 2024. – С. 184-189.

**Ба автореферати диссертатсия аз муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**1. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, дотсент, директори Маркази омӯзишӣ ва дастгирии занони роҳбарикунанда ва болаёқати Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон **Маликшозода Шоҳбегим Хайрулло** мусбат буда, ду эрод ироа шудааст:

1. Фасли аввали боби сеюми кор «Устухонбандӣ» унвон дорад ва дар он муҳаққиқ сохту архитектоника ва сохтори бадеии ғазалҳои шоирро таҳқиқ кардааст. Ба назари мо, беҳтар он мебуд, ки муҳаққиқ ин масъаларо дар боби аввали рисола нишон медод, ки дар он қисмат масоили таснифоти ашъори шоир баррасӣ шуда, дар он ҷо барои ғазал зерфасли алоҳида бахшида шудааст.

2. Дар автореферат ғалатҳои имлоӣ ба назар мерасанд (с. 8, 13, 15, 18, 20).

**2. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, дотсент, муовини ректор оид ба корҳои тарбия ва иҷтимоии Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода **Изатзода Зулайхои Тоир** низ мусбат буда, дар баробари зикри дастовардщо чанд эрод ба назар мерасад:

1. Дар автореферат зикр шудааст, ки ҳангоми кор аз девони шоир ҳам аз нусхаи таҳиякардаи Рашид Айвазӣ ва ҳам аз нусхаи Муайяди Собитӣ кор гирифта шудааст, аммо дар дар поварақҳои диссертатсия нусхаи Собитӣ оварда нашудааст.

2. Диссертант ғазалҳои форсии тоҷикии Ҳумоми Табрезиро муфассал таҳқиқ кардааст, аммо ғазалҳо ва абёти ба забони арабӣ ва лаҳҷаи табрезии ӯро сарфи назар намудааст.

3. Аз мутолиаи автореферат маълум мешавад, ки диссертант дигар анвои адабии мавҷуд дар девони шоирро хеле кам таҳқиқ кардааст. Агар онҳо низ ба мисли ғазалҳои шоир васеътар пажӯҳиш мешуданд, хубтар мешуд.

**3. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳо, сармутахассиси шуъбаи таълим ва мониторинги сифати таҳсилоти Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов **Миралиева Сарварбӣ Толибовна**, дар маҷмуъ, мусбат буда, дар он ба камбудиҳои зерини автореферат ишора шудааст:

1. Аз ҷараёни баррасии анҷомёфта маълум мешавад, ки унвонҷӯ таваҷҷуҳи хешро, асосан, ба осори Ҳумоми Табрезӣ равона кардааст. Агар дар доираи таҳқиқи мавзуъ таҳқиқи қиёсии ин масъала бо шоирони дигар низ сурат мегирифт, арзиши илмии диссертатсия боз ҳам бештар мегардид.

2. Дар автореферати диссертатсия оид ба боби дувум ва фаслҳои он таҳлилҳо камтар сурат гирифтаанд.

3. Дар автореферати диссертатсия таҳлилҳои зиёд оид ба ғазалҳои шоир оварда шудааст, аммо диссертант фақат ба овардани як байт барои мисол кифоят кардааст. Беҳтар мебуд, ки аз ашъори шоир дар доираи якчанд байт ё порчаҳои кутоҳ ба таври намуна дар фаслу бобҳо оварда мешуд.

4. Дар диссертатсия, ҳарчанд камтар аст, ҷо-ҷо ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба чашм мерасанд, ки бартараф намудани онҳо арзиши диссертатсияро боз ҳам боло мебарад.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:**

- унвонҷӯ Фатулоҷони Умарзода бо истифода аз равишҳои илмӣ-таҳқиқии соҳаи адабиётшиносӣ ба омӯзиши рӯзгору осори Ҳумоми Табрезӣ пардохта, кори илмии муҳим ва арзишмандро **ба анҷом расонидааст;**
- таҳқиқи диссертатсионӣ дар асоси нашрҳои теҳронии девони Ҳумоми Табрезӣ, ки аз ҷониби Муайяди Собитӣ ва Рашиди Айвазӣ сурат гирифтаанд, анҷом шудааст. Нашрҳои мазкур дар пояи назария ва равишҳои таҳқиқии муосир **коркард шудаанд;**
- масъалаҳои марбут ба мавзуъ, хусусиятҳои ғоявию бадеии ғазалиёти Ҳумоми Табрезӣ **баррасӣ гардида**, моҳият ва аҳаммияти девони чопии шоир арзёбӣ ва нусхаҳои хаттии девон **тавсиф шудаанд.**
- авзону ҷанбаи мусиқоии ғазалиёти Ҳумоми Табрезӣ ва сохтору устухонбандии онҳо **таъин гардида,** нақшу саҳми шоир дар рушди жанри ғазал ва анъанаи ғазалсароӣ **собит шудааст.**

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии** диссертатсияи Фатулоҷони Умарзода дар он ба назар мерасад, ки маводи онро ҳангоми таълифи фаслҳои гуногуни китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ, ҳамчунин, мақолаву рисолаҳои илмӣ метавон ҳамчун манбаъ истифода кард. Натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада барои донишҷӯёни ихтисоси филологӣ зимни таълифи корҳои курсӣ, рисолаҳои хатм ва магистрӣ метавонад мусоидат кунад.

Дар ҷараёни таҳлилу баррасии мавзуъ аз афкори назарӣ ва таҷрибаи илмии адабиётшиносон ва шарқшиносони ватанию хориҷӣ, аз ҷумла Е.Э. Бертелс, И.С. Брагинский, М. Ш. Кадканӣ, С. Шамисо, Х. Шарифзода, А.

Натторзода, У. Тоиров, Б. Мақсудзода, М.О. Солеҳов, М. Нарзиқул, М.Н. Низомӣ ва дигарон истифода гардида, дастовардҳои илмии онҳо ҳамчун заминаҳои назарии таҳқиқ ба кор рафтаанд.

Дар диссертатсия вобаста ба масъалагузориҳои мушаххас аз равишҳои муқоисавӣ-таърихӣ, тавсифӣ, оморӣ, истидлолӣ ва ғайра истифода шудааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад**, ки аз баҳсҳои суратгирифта, натиҷаҳои бадастомада ва равишҳои таҳқиқии истифодакардаи муаллиф дар раванди ҷустуҷӯҳо ва пажӯҳишҳо оид ба рӯзгору осор ва вижагиҳои ғазалҳои Ҳумоми Табрезӣ ва масоили марбут ба таҳаввули ғазал метавон истифода кард. Маводи диссертатсия ва хулосаҳои онро зимни навиштани мақолаҳо ва таълифоту таҳқиқоти илмӣ оид ба масъалаҳои омӯхтанашудаи таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ, махсусан, ҳангоми таҳқиқи жанрҳои адабӣ мавриди истифода қарор додан мумкин аст.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд**, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии адабиётшиносони ватанию хориҷӣ ба ҳадди зарурӣ истифода шудааст. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқии маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили сарчашмаҳо ва таҳқиқи осори назарӣ пешниҳод гардидаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дар диссертатсия масъалаи омӯзиши ҳамаҷонибаи зиндагинома ва мероси адабии шоири камшинохтаи адабиёти форсии тоҷикии асри XIII – Ҳумоми Табрезӣ, инъикос менамояд. Дар адабиётшиносии тоҷик масоили зиндагинома, мероси адабӣ, нусхаҳои хаттии девон, тартиби жанрии девон, мундариҷаи ғоявии ғазалиёт ва бадеиёти ғазалҳои Ҳумоми Табрезӣ дар шакли таҳқиқи комили илмӣ нахустин бор пажӯҳиш мешавад. Бо таваҷҷуҳ ба ахбори сарчашмаҳои гуногуни илмию таърихӣ ва осори худи шоир, дар асоси таҳлилу муқоисаҳо ному насаб, алқоби фахрӣ, санаи таваллуд, устодон, пайвандон ва ҷараёни зиндагии Ҳумоми Табрезӣ маълум карда шудааст.

Муаллиф бо истифода аз равиши илмӣ дар баррасии масъалаҳо, пешниҳоди усулҳо, таҳқиқи масъалаҳои адабиётшиносӣ, муайян сохтани арзиши илмии онҳо, ба низом даровардан ва ҷамъбаст кардани натиҷаҳои бадастомада, пешниҳоди маълумот ва фароҳам сохтани замина барои таҳқиқоти баъдӣ, интихоби мавод ва интишори натиҷаҳои таҳқиқ саҳми назаррас дорад.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 6-уми феврали соли 2025 дар бораи сазовор донистани Фатулоҷони Умарзода ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шуро 15 нафар (фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми октябри соли 2024, № 360/шд), аз ҷумла 5 нафар доктори илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ иштирок доштанд.

Аз 15 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 15 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Муовини раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ Сафаров У.Р.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ Бобомаллаев И.Ҷ.

06.02.2025.